# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24-уми майи соли 2025, № 112**

Барои сазовор донистани Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 15- уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 106 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, №349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода 6-уми июни соли 1991 таваллуд шудааст. Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар зинаи мутахассис аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст. Аз соли 2013 то 2019 ба сифати ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст.

Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода солҳои 2021-2025 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, дар ин муддат кори илмиро дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мавзуи: "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" иҷро кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарифзода Баҳром Маҳмуд** – доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Тақризи муассисаи пешбар, ки аз тарафи эксперт Хидиралиев Р.З. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент омода гардидааст, дар ҷаласаи васеи кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 6-уми майи соли 2025, суратмаҷлиси № 9/А муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа, мудири кафедраи молия, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алишоев Х.Ҳ. имзо гардида, бо имзои ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Асрорзода У.С. аз 07 майи соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди таъминоти маблағгузории барномавию мақсадноки давлатӣ таъсири мусбат расонида, татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуда, самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷетиро таъмин намоянд.

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода ҳамчун кори баанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шуъбаҳои маҳаллии молия истифода бурдан мумкин аст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия бо меъёрҳои мукарраршуда оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат мебошад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Довталаб 12 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола ба маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллук доранд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

1. Ҳанифаи, Э.А. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули барномавии ҳадафманд ҳангоми ташаккулёбии буҷет / Ҳанифаи, Э.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 114–122.

2. Ҳанифаи, Э.А. Принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ/ Ҳанифаи, Э.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 104–112.

3. Ҳанифаи, Э.А. Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд / Ҳанифаи, Э.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 88–98.

4. Ҳанифаи, Э.А. Ҷаззобияти сармоягузории башхи саноат ва таъсири он ба буҷетикунонии ҳадафманд / Ҳанифаи, Э.А. // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С.45–54.

5. Ҳанифаи, Э.А. Ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат / Ҳанифаи, Э.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 10-1. – С.198-208.

**Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

6. Ҳанифаи, Э.А. Буҷетикунонии мақсадноки барномавӣ ҳамчун воситаи идоракунӣ / Ҳанифаи, Э.А. // Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ (18 уми ноябри соли 2022). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.322–325.

7. Ханифаи, Э.А. Сущность программно-целевого бюджетирования / Ҳанифаи, Э.А. // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики / Материалы международной научно–практической конференция (10–го февраля 2023 года). – Душанбе, Типография ТНУ, 2023. – С.229–233.

8. Ҳанифаи, Э.А. Тафсири мухтасари мафҳуми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд / Хушвахтзода Қ.Х., Ҳанифаи, Э.А. // Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (31 – уми октябри соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.5–11.

9. Ҳанифаи, Э.А. Таҳлили назариявии равиши барномавии ҳадафманди буҷетикунонӣ / Ҳанифаи, Э.А. // Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (31-уми октябри соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.131–138.

10. Ҳанифаи, Э.А. Принсипҳои асосии татбиқи буҷетикунонии ҳадафманд / Ҳанифаи, Э.А. // Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (18– уми октябри соли 2023) – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023 (31 – уми октябри соли 2023). – С.264–267.

11. Ҳанифаи, Э.А. Таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ дар татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд / Ҳанифаи, Э.А. // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин

солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)» – Ҷилди I. – Душанбе: Чопхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С.453–457.

12. Ҳанифаи, Э.А. Шароитҳои махсуси самаранокии буҷетикунонии ҳадафманди лоиҳавӣ / Ҳанифаи, Э.А. // Стратегияи тамадунии пешвой дар асри XX1 / Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (20–уми феврали соли 2024). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2024. – С.430–438.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Қодирзода Х.Қ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо:

– дар автореферат оид ба таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқии таъсиррасони буҷетикунонии барномавӣ диққати махсус дода мешуд, хуб буд.

- тарзи ифодаи кор тавассути модели интегралӣ дар автореферат таҷассум карда нашуда аст.

2. **Досиев М.Н.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

– дар боби аввал муаллиф барои самаранок татбиқ гардидани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ фароҳам овардани се шароитро амри зарурӣ меҳисобад, (саҳ 21) вале чӣ тавр ба ин ҳадафҳо ноил гаштанро пешниҳод накардааст.

- муаллиф дар боби 2 муодилаи регрессияи маҷмӯиро таҳия карда, аммо тавсифи онро наовардааст.

**3. Миразизов А.Ҳ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон ва Россия бо чунин эрод:

- муаллиф дар расми 1, саҳифаи 16 автореферат афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро овардааст. Вале дар он омили рақамикунонӣ оварда нашудааст, ҳоло он, ки муаллиф дар навгонии 6-ми худ, дар саҳифаи 9 автореферат иброз медорад, ки татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир метавонад дар таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ таъсири мусбат расонанд.

4. **Собирҷонов А.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- агар дар автореферати диссертатсия маводҳои таҳлилӣ оид ба бахши саноати кишвар дар шакли схемавӣ ё консепсия пешниҳод мешуд, хубтар мебуд.

- аз ҷониби муаллиф агар дар автореферат мақоми ягон корхонаи мушаххасро меовард, ба ҳусни кор зам мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор доштан дар таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва ташкили буҷетикунонии барономавиву ҳадафманд, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур, қобилияти баланди баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии ин мутахассисон барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** усулҳои муносиби муайянсозии принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи равиши барномавию ҳадафманд дар алоқа бо таҷрибаи хориҷии амалишавии онҳо ва омӯзиши асосҳои назариявии татбиқи усули барномавию ҳадафманди ташаккулёбии буҷет, муайянкунии тамоюлҳои буҷетикунонии рушди бахши саноат ва баҳогузории самаранокии он, асоснок намудани самтҳои коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян сохтани хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои онҳо коркард карда шуд;

**- пешниҳод шудааст,** ки бо мақсади мукаммалгардонии раванди идоракунии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат пешниҳод карда шуда аст, ки ислоҳоти равандҳои буҷет бояд фарогири

унсурҳои дорои тавсифҳои соҳаҳои мушаххаси идоракунӣ бошанд. Ҳамчунин хароҷот барои лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноат айни замон ба талаботҳои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ нокифоя буда, сарчашмаи маблағгузориҳои шиддатноки иловагиро талаб мекунанд. Дар раванди амалӣ сохтани лоиҳаҳои буҷетии ҳадафманд ҷанбаҳои мухталифи ба рушди буҷетикунонии бахши саноат мусоидаткунанда аз қабили дуруст ба роҳ мондани сиёсати самарабахши сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти минбаъдаи бахши саноат, шаффоф намудани равандҳои буҷетикунонӣ ва баланд бардоштани самаранокии уҳдадориҳои вобаста ба хароҷотҳои буҷети бахши саноат, бозомӯзии мутахассисони соҳавӣ аз зинаҳои ибтидоии равандҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд пешниҳод шудааст;

- **исбот шудааст,** ки принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумӣ, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад, метавонад тамоюлҳои рушди бахши саноатро бо таваҷҷуҳ ба ҷудо кардани зиддиятҳо байни равандҳои муосири густариши тағйироти технологӣ, сохторӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар низоми мавҷудаи буҷетикунонӣ ва дастгирии давлатии ғайрисамараноки рушди бахши саноат баҳогузорӣ шавад. Татбиқи принсипҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамову зарурати истифодаи татбиқи консеписяи он ба параметрҳои ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати иқтисодӣ миллӣ мусоидат хоҳад кард;

- **асоснок карда шудааст,** ки татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашудаанд, мусоидат намуда, фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда ташккул дода мешаванд ва тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва

назорати бучетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда амалӣ карда мешаванд;

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- **исбот карда шудааст,** ки дар доираи таҳқиқотҳои илмии ватанӣ масоили ташаккул ва амалишавии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бахши саноати кишвар аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тадқиқоти васеъ анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёди асосҳои назариявӣ ва методии ташкил ва пешбурди буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати кишвар вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ коркардҳои муаллифӣ, ки дорои арзиши баланди илмию аммалӣ мебошанд, пешниҳод карда шудаанд;

- **усулҳои муосири** омӯзиши муаммоҳо, руйдодҳо , қоидаҳо ва тарзҳои омӯзиши роҳҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба монанди: мантиқӣ, маҷмӯӣ ва системавӣ дар мувофиқат бо таҳлилҳои омилӣ, гурӯҳбандӣ, тарзу усулҳои таъмини иттилоотии қарорҳои идоракунӣ, унсурҳои методи ташкили лоиҳаҳои ҳадаманди буҷетӣ, усулҳои қиёсии таҳлилӣ ва абзори риёзиву-иқтисодӣ, ҳисоббарориҳои автоматикунонидашудаи муосир истифода бурда шудаанд. Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот маҳз бо истифода аз маҷмуи усулҳои зикршуда таъмин гардидааст.

- **баён шудани** муқаррароти назариявии ташаккули низоми буҷетикононии барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои нисбии он, яъне шаффофият, фаврият, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда асоснок карда шуда, принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумӣ, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад.

- **ошкор карда шудааст,** ки усули барномавиву ҳадафманди буҷетикунонӣ тавассути механизми такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудиаш, аз қабили стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, обзори муассир ва унсурҳои хуруҷиаш, аз қабили ташаккул ва татбиқи сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ, ки ҷиҳати ноил

гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии рушди буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

- **омӯзиши он,** ки буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавию ҳадафманд ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, дар назар дорад, ки ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад кунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидан амалӣ хоҳад шуд. Асоси онро ҳамчунин таснифоти барномавии хароҷот ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад. Самаранокии буҷети барномавию ҳадафманд нахуст дар баҳодиҳии сарфа кардани воистаҳои буҷет аз ҳисоби он, ки онҳо маҳз дар доираи барномаҳои давлатӣ масраф гардидаанд, муайян мегардад

- **аз нав такмил додани** методикаи ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ки назорати маҷмуии буҷетро ба роҳ монда, вобастагиҳо ва алоқамандиҳои низоми буҷетикунониро барпо сохта, ҳадафҳои стратегиеро пайгирӣ менамояд, ки бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои буҷет коркард карда шудаанд. Дар ин росто моделҳои консептуалӣ, амсилаҳо, равишҳо, тавсияҳо ва пешниҳодхо коркард карда шудаанд, ки барои мукаммалгардонии низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **аҳаммияти амалии таҳқиқоти** анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар вақти коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба такмил додани низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноат истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноат, принсипҳои табиқи он ва шарту шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда амалӣ карда мешаванд;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии** гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун манбаи иттилоот барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии низоми буҷеикунонии барномавиву ҳадафманд баромад намуда, муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои

методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии низоми буҷетӣ ва такомули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», ва «Идораи молияи давлатӣ» мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** амсилаҳо, коркардҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии унсурҳо ва усулҳои ташаккулдиҳии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», ва «Идораи молияи давлатӣ» ва ғайра (Санади № 521-1/дс аз 28. 10, 2024), инчунин нуқтаҳо ва баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии мутахассисони сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 242 аз 25.10.2024), мавриди истифода ва татбиқ қарор гирифтаанд.

- **муайян карда шуд,** ки равиши барномавию ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет равона гардида, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ аз қабили таъмин намудани рушди устувор, дастгирикунии бахшҳои аҳамиятноки соҳавӣ абзори муҳиму асосӣ мебошад;

- **офарида шуд:** методикаи ташаккули низоми дурусти буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ки дар назар дорад, самаранокии маблағгузориҳои буҷетӣ дар бахши саноат тавассути механизми ҷудо кардан, тақсимот, харҷи маблағҳои буҷетӣ ва механимзмҳои пешрафта ва шаффофи ин раванд дар амал татбиқ гардида, ҳамчунин хароҷот барои лоиҳаҳои ҳадафманди бахши саноат, татбиқи сиёсати дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти минбаъдаи корхона, ошкор гардидани камбудиҳо ва норасоии равандҳои фаъолияти истеҳсоливу кории корхонаҳо муайян карда шаванд ва барои бартараф сохтани онҳо чораҳои судманд андешида шаванд;

- **муаррифӣ карда шуд:** номгӯйи принсипҳо, шароитҳо (қоидаҳо)-и асосии ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди соҳавӣ, махсусан бахши саноат, ки равандҳои ташаккули буҷетикунонии барномавӣ, таҳияи аввалиндараҷаи лоиҳаҳо, баҳогузории онҳо, бозомузии кадрҳои молиҷвии стҳҳои гуногун.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки:**

- назарияи таҳқиқ дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти ташаккулёбии буҷети барномавиву ҳадафманд, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи молия, ки ба таҳқиқи такомул ва ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд машғул шудаанд ташаккул ёфтааст;

- ғояи таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатии рушди буҷетикунонии давлатӣ аз қабили стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар солҳои гуногун), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ислоҳоти низоми молиявӣ, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти тадқиқоти гузаронидаи муаллиф, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи низоми молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти корхонаҳои саноатии кишвар ва сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet», инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф асоснок шудааст;

- аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди методикаи низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноат бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои мавриди зикр ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи амсилаҳо ва равишҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти молиявию буҷетикунонӣ дар бахшҳои саноатӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такомули ташаккулёбии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад.

- муаллиф муқаррароти назариявии ташаккули низоми буҷетикононии барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои

нисбии (шаффофият, фаврият, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда ва ғ.) он асоснок кардааст, ки имкон медиҳад истифодаи самаранок ва саривақтии маблағҳои буҷетӣ дар доираи татбиқи барномаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад;

– муаллиф принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумиро асоснок намудааст, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад;

– дар таҳқиқот заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консепсияи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили курсҳои омӯзишии буҷетикунонии бахши саноат ва бо назардошти ҷалби васеи кормандони сохторҳои молиявии кишвар ба раванди омузиши методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чун зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур асоснок гардида, самтҳои афзалиятноки татбиқи равиши буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба татбиқи чорабиниҳои баҳамалоқаманди зерин: татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашуда мусоидат менамоянд; ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда; тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва назорати буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда асоснок карда шудаанд;

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (Донишгоҳи миллииТоҷикистон (маълумотномаи № 521-1/дс аз 28. 10, 2024)), (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 242 аз 25.10.2024));

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 14 ч.ч., аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2025 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 24.05.2025 барои сазовор донистани Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд, 14 нафар овоз доданд. Натиҷа: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**24.05.2025**